Маҷид Салим

# Сангвдавак



Санговдавак, санги ту ку?
Айилу пуштанги ту ку?
Ҷӯраи бенанги ту ку?
Ақли таги санги ту ку?




КИТОБРО ДАР МӮҲЛАТИ ҚАЙДИШУДА
БАРГАРДОНЕД

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

ҶДММ Хоҷӣ Хасан"

Мачид Салим

# Санговдавак



Китобхонаи давлатии бачагонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи М. Миршакар
15567

Душанбе
«Маориф ва фарҳанг»
2010

ББК-84 точик 7-4
М-50

М-50. Мачид Салим. Санговдавак, -Душанбе, «Маориф ва фарҳанг», 2010 с. – 20 саҳ.

ISBN: 978-99947-58-77-7

© «Маориф ва фарҳанг», 2010



Санговдавак имсол тани танҳо монд. Дар канори дарёча, ки дар соҳилаш ҳамагӣ ду-се ниҳолш тут ва як арчаи худрӯй боқӣ монда буд, мезист. Имсол дар аввали сардиҳо, зимистон надаромада ҳамроҳонаш ба мулкҳои гарми ҳамсоя кӯч бастанд. Ӯ нарафт. Рӯзи видоъ вақте ки селаи санговдавакҳо парвозкунон дур шуданд, гӯё садои чик-чики онҳо дар гулӯи санговдавак ях баст. Паррандаи содда он замон оқибати ин амалашро ҳис накард.

Гумон дошт, ки табиати зебои ин мавзеъ ӯро мехӯронаду албатта аз хунукиҳо зинда мемонад. Ҳоло санговдавак ба ҳамон самте, ки чанд моҳ пештар ёронаш парвоз карда рафтанд, нигоҳкунон афсӯс хӯрд.

Аз васати наҳр, ки нисфи обаш хушк шудааст, боди сахте вазидан гирифт. Санговдавак ҷонҳавлона болчаҳояшро паҳн карда, сарашро таги пар кард. Акнун





панҷаҳон борикаш базӯр шохчаи шикастаи тутро медошт. Бод охирин баргҳон тутро ба ларзиш дароварда буд. Баргҳо хишир-хиширкунон тоб наоварда, оқнбат дар панҷаи шамол бознкунон аз ииҳол дур мешуданд. Санговдавак дар тамоми вуҷудаш хунукнро ҳис карда мехост ба ҷон бехавфе парида равад. Лекин дар атроф ҷои муносиб набуд.

Санговдавак медонист, ки дар дами хунукиҳо одамони атроф омада, аз як сар долу дарахтони қад-қади дарёчаро бурида, барои аловии зимнстон бурдаид. Акнун санговдавак ба куидаҳои бесоҳиб, партовҷойҳо бо ҳасрат днда дӯхта, барон халосни ҷонаш парвозкунон худро мнёни шохчаҳон арча зад.

Танҳо дар ин ҷо, миёни баргу поя, шохчаҳои анбӯҳн арча санговдавак аз шамолу хунукӣ ҷон ба саломат бурд.





Акнун кам-кам ба баданаш ғармӣ давид.

Аз бекорӣ бо минқорчааш таги тефашро тозакунон худашро ба тамошои атроф хост андармон созад. Дид, ки табиат хеле хору залил шудааст. Аз он ободиҳои баҳорӣ, гулу буттаҳои фаровон дарак нест. Як вақтҳо, аниқтараш фасли тобистон ин ҷо гурӯҳ-гурӯҳ одамон дам мегирифтанд. Баъзеҳо хайма зада шабонарӯзӣ дар соҳили наҳр фароғат доштанд. Аҷабаш омад, ки одамон ҳамин канори обро ҷои истироҳат интихоб кардаанд. Охир ӯ насл ба наслаш дар канори рӯдхонаҳову дарёчаҳо зистаанд. Онҳо дар ҳамин гуна иқлим ба дунё омаданду боз мераванд, аммо ба одамон чӣ шудааст, ки манзили онҳоро танг кардаанд. Ҳоло дар ҷое, ки санговдавак лона ғузошта буд, боқимондаи шишаҳои холии партофтаи одамон ба назар мерасаду бас. Аз дасти одамони беғам на





ниҳоли тут монду на дар об моҳӣ. Санговдавак нагз дар хотир дорад, ки шабона як гурӯҳ одамон ба об ноқили барқ партофтанду ба тухми моҳиён қирои омад. Тамоми моҳиён мурда болои об шуданд. Ду рӯзи дароз болои об пури мурдаи моҳӣ буд. Ҳайфи ин зебоӣ, табиат, аз хаёл гузаронд санговдавак. Ҳис кард, ки ҳоло вақти ин гуна фикру хаёлҳо нест. Андешаи як санговдавак ба кӣ даркор, беҳтараш гами чонатро хӯр. Аз ин хаёлҳо боз модараш ба хотираш омад.

- Ҳа, беҳуда ба гапи модарам гӯш накардам, - оҳ кашид санговдавак ва ба қанотчаҳои сардаш нигоҳкунон афсӯс хӯрд. Аммо аз ноилоҷӣ боз аз мнёни шохчаҳон арча берун шуд.

Санговдавакро гуруснагӣ ба танг оварда буд, ки дар лаби соҳил аз санге ба санге парида, ба об наздик шуд. Дар





соҳили камоб ду нафар бо тӯр моҳӣ медоштанд. Онҳо моҳичаҳои доштаашонро ба халта андохта, дар лаби об нигоҳ доштанд. Санговдавакро беқарории моҳичаҳо ғамгин кард. Моҳигирҳо ба моҳичаҳои халта аҳамият надода, тӯрро ба ҳар ҷои об ҳаво медоданд.

Санговдавак дар соҳили чап, болои харсанге нонрезаҳоро дида саросема бо минқорчааш чидан гирифт. Нав ду-се нонрезаро фурӯ бурда буд, ки аз куҷое сангчае башаст парвозкунон омаду сахт ба ҷисми нозукаш бархӯрд.

Санғовдавак дар тефаш сӯзиши сахте ҳис карда, хост аз ҷояш парад, ки натавонист, балки базӯр охирин мадорашро ҷамъ карда, паси харсангҳо пинҳон шуд. Дами парвоз нигоҳаш ба хандаи дандоннамои моҳигир афтод. Марди қоқина мехост ӯро боз ба нишон гирад. Ӯ





беparвоёна нигоҳашро аз санговдаваки маҷрӯҳ канда ба ҳамроҳаш гуфт:

- Медонӣ, ҷӯра, дар мулки мо ҳамин санговдавак кам мондагӣ. Лекин сабил сахтҷон будааст. Аз зарби санги дастам намурде... Ҳӣ, ҳӣ, ҳӣ...

Моҳигири дигар аз муносибати ҳампаҳлӯяш ҳайрон шуда китф дарҳам кашид. Балки вай надид, ки чӣ тавр санговдавак базӯр аз марг халос шуд...

Санговдавак хеле мнённ сангҳо руст шуда, оқибат барои аз таъқиби моҳигир халосӣ ёфтан тайёрӣ дид. Боли зарбхӯрдааш сахт дард мекард. Санговдавак боли захминашро тит карда, ба ҷои санг бархӯрда нигоҳ кард. Бо ғаму андӯҳ бо минқорчааш тефашро кашида сарашро болои ҷароҳат гузошт. Хун аз бари қаноташ кам-кам мешорид. Охирин қувваташро ҷамъ карду парвоз кард.





Маъюсона базўр бол кушод. Акнун шамолу боди соҳил санговдавакро дар доми худ гирифта, чапу рост бурд. Натавонист ба як самти муайян парвоз кунад. Бо як азоб канори арчаи худрўй афтиду худашро базўр ба таги ниҳол расонд.

Болҳои санговдавак суст шуда буданд. Ў хеле дам гирифта саранҷом ба шохчаи боло, боз болотари арча парид. Ин ҷо дар шохчаи хушкшуда лонаи поринаашро дида хушҳол шуд. Фикр кард, ки албатта зинда хоҳад монд.

Хушҳолона боз, дар поёни арча дар рўйи замин лонаи нав сохт. Агар назди соҳил нарму хунук бошад, таги арча ҷои мувофиқ, ҳам боду борон намерасид, ҳам табъи дилаш буд. Дар лонаи заминӣ хоклутак карда, баъд сари панҷаҳо мепариду чик-чиккунон атрофро наззора мекард.





Вале ҳанӯз шамолу тундбодҳо басанда нашуда буду атрофи наҳр низ холӣ намегашт. Боз одамони тарафи наҳр заминро канда лӯлаҳои обгузар овярданд. Санговдавак дид, ки чӣ тавр онҳо ҳангоми роҳкушоӣ ба ҷони ягон ҷонзот раҳм намекарданд, сари роҳ то поёни наҳр сангпуштеро сангсор карда, саги бесоҳиберо, ки дар пеши харсанги калоне хона карда буд, зада пеш карданд.

Санговдавак ҳайрон буд, намедонист, ки одамон аз ҷонварон чӣ бадӣ дидаанд, ки ин қадар онҳоро чашми дидан надоранд. Дар лаби наҳр онҳо аз дами саҳарӣ ҷумбуҷӯл доштанд. Санговдавак дид, ки дар бораи кимчие баҳс карда, яке бо ишораи дасташ арчаро нишон дод. Аз миёнашон табарбадаст омада атрофии арча як чарх заду баъд ниҳолро аз бехаш бурида бурд. Арчаро таги лӯлаи об монда болояшро хокпӯш карданд. Санговдавак





боз бесарианоҳ ва танҳо монд. Дар ҳасрати ёфтани ҳамҷинсонаш ба атроф парвоз кард, дар боғи ҳамсоя фуруд омад, аммо он ҷо гунчишку кумрӣ, зоғу кабутарҳои ёбоиро диду аз насли санговдавак асар набуд.

... Санғовдаваки танҳоро садои қар-қари зогҳои сиёҳ ба худ овард. Ӯ оҳиста аз зери сангпора боло шуда, чик-чиккунон болои харсанг парид. Аз ин ҷо чанорҳои хамгашти майдон намоён буданд. Дар ҳар шоху панҷа, навдаи чанори пир, ки аз ҳама баландтар буд, селаи зоғҳо нишаста базм доштанд. «Онҳо шояд омад-омади сардиҳоро истиқбол доранд - аз дил ғузаронид санговдавак. Охир, модарам мегуфт, ки дар миёни паррандаҳо наҳстаринаш зоғҳои сиёҳанд, ки қадами шуми онҳо танҳо бадбахтӣ меораду халос». Санговдавак ҳикоёти модарашро хира-хира ба хотир оварду гиҷовак





гулӯяшро гирифт. Аз гаму пушаймонӣ оби даҳонашро фурӯ бурд, бо нӯлаш таи тефашро кофта фаҳмид, ки боз гурусна мондааст. Охир санговдавак мисли зоғҳо имкони баланд парвоз кардан надошт. Макони зисташ, ки лаби обу анҳор, мавзеи намнок ҳаст, наметавонад дар шохаҳои баланди чанори азим ҷой гирад.

Ин дам боз базми қар-қари зогҳои сиёҳ шиддат гирифт. Зогҳо ба якдигар навбат надода, сурудхонӣ доштанд. Шояд ҳамин бепарвоӣ, фориғболии оиҳо бошад, ки зог сесад сол умр мебинад. Аммо санговдавак чӣ? Магар ин паррандаи майдан дастнигарро ягон ҷонзоти дигар ба эътибор гирифтааст. Санговдавак аз овони хурдияш дар бораи гузаштаи авлодаш нақлҳои зиёде шунидааст. Акнун аламаш кард, дар танҳоӣ, хорию зорӣ дарк кард, ки ҳамон нақлу ривоятҳо маънӣе доштааст.





Ин дам ба сели оби наҳр чашм давонд. Дар мавҷи об боз сурати модараш - санговдаваки ботадбирро диду ҳамон ривоят ба хотираш расид.

Гӯё дар замонҳои қадим, ки нав замин эҳё гашта буду ҳамаи ҷонзоти олам як ҷузъи табиат буд, дар ин кӯҳу дара ҳайвоноти ваҳшӣ хеле зиёд будааст. Дар қатори ҷонварони ваҳшӣ - қумрӣ, кабӯтару булбул, бум, кабку бедона, майна, парасту уқоб барин паррандаҳои тезчангол дар саҳрою дашт озодона мегаштанд, касе ба онҳо кордор набуд. Акнун одамизод ба хонагӣ кардани баъзе намуди онҳо оғоз менамуд. Гӯё дар соҳили ана ҳамин рӯд санговдавак-модар мезистааст. Санговдавак, ки аз тахти Сулаймон фуруд омада будааст, ана ҳамин маконро маҳалли зисташ интихоб кардааст. Агар дигар паррандаҳо боғоту чаманзорҳоро интихоб карда бошанд,





санговдавакро лаби обу миёни сангҳо хуш омадааст. Гӯё вай вазиши бод, мавҷи дарёро писандида, аз ин интихобаш фахр ҳам мекардааст.

Рӯзе санговдавак бовиқору мағрурона лаб-лаби дарёча медавид, ки майнаро дид. Аввал ӯро назараш нагирифт, аз ин муомилаи ӯ ғаши майна омад. Майна хост, ки адаби ин паррандаи мағрурро диҳад. Бо ин мақсад бо санговдавак хуб шатранҷбозӣ карду, баъд оббозӣ. Санговдавак ақлашро миёни барге печонда зери санг пинҳон намуда, даруни об даромадаст. Ӯ чӣ қадар оббозӣ кардааст, худаш нафаҳмидааст. Як замон оббозӣ ба дилаш задаасту берун омада, ақлашро наёфтааст. Майнаи доно аз гӯшае ба даву този санговдавак ниғоҳ карда хуб хандидааст. Охир вай ақли ӯро дуздида аллакай хӯрда буд. Гӯё то ҳанӯз санговдаваки нодон дар





ҳасрати ақли гумкардааш дар соҳили дарёҳо мегардаду ақлашро ҷустуҷӯ мекунад. Санговдавак ин ривоятро ба ёд оварду гаму гуссааш дучанд шуд. Ба беақливу нодонияш бовар кард. Куҷост ақлу фаросати азалӣ, ки аз вазъияти нобоб раҳоӣ ёбам андешид санговдавак. Чаро ҳамаи паррандаҳои дигар шоду хурсанду ман-не?

Дигар санговдавак гӯё қар-қари зогҳоро намешунид, аз санге ба санге парида, боз ба таги арча омад. Дар зери арчаи бурида тухмҳояш шикаставу пачақ, ҷои хоклутакаш титу парешон буд. Санговдавак бо дили зору нолон боз қад-қади соҳил парвоз дошт. Мехост ин маконро тарк карда, ба ҷойҳои гармтар равад. Ин фикр нияташро якбора дигар кард. Охир бо ин боли захмину шиками гурусна дур рафта наметавонад. Акнун санговдавак шабона парвоз мекарду рӯзона дар зери сангу





таги шоххо пииҳон мешуд. Ба хӯроки кам, шикори ду-се паша ё ҳашароти хурд қаноат карда, боз шабона парвоз мекард. Парвози шабона хатарнок буд.

Дар торикӣ ҳар замон ба бумҳои бераҳму селаи кӯршабпаракҳо рӯбарӯ мешуд, вале як илоҷ карда роҳашро дигар карда парвозашро давом медод. Охирин қувваю мадорашро ҷамъ карда, сӯи кишвари нав бол кушод. Ӯ намедонист, ки ҳамҷинсонашро пайдо мекунад ё не. Ҳоло ин барояш чандон муҳим набуд. Муҳим он буд, ки макони нав, манзили бехавфу хатар пайдо кунад. Санговдавак ҳеҷ ба гӯшаи хаёл намеовард, ки дунё дигар шудааст ва одамизод кӯҳу ҷангалҳоро аз худ кардаасту аз он мавзеъҳои табиӣ ному нишоне намондааст. Санговдавак бехабар аз ин дигаргуниҳо ҳамоно парвоз дошт. Ба куҷо? - худаш ҳам аниқ намедонист.



Маҷид Салим

# Санговдавак


Муҳаррир Н. Зайниддинов
Муҳаррири техникӣ А. Камолов
Рассом З. Ҷалилова
Тарроҳ Р. Галимов
Ҳуруфчин З. Ҷӯраева


15567


Ба матбаа 1.09.10 супорида шуд. Ба чопаш 1.10.10 имзо шуд.
Андозаи 60x84 1/8. Ҷузаи чопаш 2,5. Чопи офсетӣ. Қоғази офсетӣ.
Супориши №26/10. Адади нашр 5000 нусха

Муассисаи нашриявии «Маориф ва фарҳанг»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 17.
Тел/факс: 233-93-97. E-mail: najmiddin64@mail.ru.

Дар ҶДММ "Орбита" чоп шудааст.



МАОРИФ ВА ФАРҲАНГ

9 789994 758777